# ФАРМОИШИ
# ВАЗИРИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз «08» 08 соли 2025 № 998 ш. Душанбе

Дар бораи татбиқи Лоиҳаи
«Технологияҳои рақамӣ барои рушди таҳсилот (ТекЭд) дар Тоҷикистон»

Мутобиқи моддаи 33 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва банди 11 Низомномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷиикистон аз 3 марти соли 2014, №145 тасдиқ гардидааст, ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Бо мақсади амалӣ намудани Лоиҳаи «Технологияҳои рақамӣ барои рушди таҳсилот (ТекЭд) дар Тоҷикистон» дар назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон гурӯҳи татбиқи лоиҳаҳои рақамикунонии соҳаи маориф таъсис дода шавад.
2. Супоришномаи техникӣ, ҳайати гурӯҳи татбиқи лоиҳа ва Нақшаи фаъолияти Лоиҳаи «Технологияҳои рақамӣ барои рушди таҳсилот (ТекЭд) дар Тоҷикистон» барои соли 2025 тасдиқ карда шаванд (замимаҳои 1, 2 ва 3).
3. Роҳбарии гурӯҳи татбиқи лоиҳаҳои рақамикунонии соҳаи маориф ба зиммаи директори Маркази ҷумҳуриявии технологияи информатсионӣ ва коммуникатсияи назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Муҳаммадраҷабзода Комрон вогузор карда шавад.
4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини якуми вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳомид Ҳошимзода гузошта шавад.
5. Асос: гузориши сардори шуъбаи низоми ахбороти идоракунии маориф ва илми дастгоҳи марказии Вазорати маориф ва илм аз 28.07.2025, №17 ва раводиди ман.

Вазир Раҳим Саидзода

Муовини якуми вазир
Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус
Шуъбаи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва ҳисоботи молиявӣ
Шуъбаи низоми ахбороти идоракунии маориф ва илм
Шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ
Маркази ҷумҳуриявии технологияи информатсионӣ ва коммуникатсияи назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

Замимаи 1
ба фармоиши вазири маориф
ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «08» 08 соли 2025, №995

**Супоришномаи техникӣ**
**барои Гурӯҳи татбиқи лоиҳаҳои рақамикунонии соҳаи маориф**
**«Технологияҳои рақамӣ барои рушди таҳсилот (ТекЭд) дар Тоҷикистон»**

## БОБИ I. МУҚАДДИМА

**1.1. Зарурати таъсиси Гурӯҳ.** Раванди рақамикунонии соҳаи маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯз ба яке аз самтҳои калидии сиёсати давлатӣ дар бахши таҳсилот табдил ёфтааст. Рушди технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ (ТИК), васеъ гардидани имкониятҳои таълимии рақамӣ ва зарурати мутобиқ сохтани муҳтавои таълим ба воқеиятҳои асри рақамӣ талаб менамояд, ки ҳама гуна лоиҳа ва ташаббусҳои дахлдор бо ҳамоҳангии баланд ва мутобиқат ба ҳадафҳои стратегӣ татбиқ шаванд.

Бо вуҷуди амалишавии лоиҳаҳои сершумор дар самти рақамикунонӣ аз ҷониби ниҳодҳои давлатӣ ва шарикони рушд, набудани як механизми ягонаи идоракунӣ ва ҳамоҳангсозӣ боис мегардад, ки дар амалӣ намудани ташаббусҳо такроркорӣ, самаранокии нокифоя ва хатари истифодаи ғайримақсадноки захираҳо ба миён ояд. Ҳамзамон, таъмин накардани пайгирии мунтазам, мониторинг ва арзёбии мутамаркази ин ташаббусҳо, паст будани сатҳи мубодилаи иттилоот ва набудани платформаи муштараки муҳокимавӣ миёни ҷонибҳои манфиатдор ба ин мушкилот замина мегузорад.

Дар чунин шароит, зарурати таъсиси Гурӯҳи татбиқи лоиҳаҳои рақамикунонии соҳаи маориф (ГТЛРСМ) ҳамчун сохтори байнисоҳавӣ, машваратӣ ва ҳамоҳангсози сатҳи миллӣ ба миён меояд, ки тавонад як экосистемаи рақамии таҳсилотиро бо назардошти фарогирӣ, устуворӣ ва масъулиятшиносӣ ташкил ва пеш барад. ГТЛРСМ на танҳо платформаи байниидоравии ҳамоҳангсозӣ, балки як низоми муассири таъмини мутобиқат ба афзалиятҳои миллӣ ва устувории лоиҳаҳои амалишавандаро фароҳам хоҳад овард.

**1.2. Тавсифи мухтасари вазъи мавҷуда ва мушкилоти ҳамоҳангӣ**

Тайи солҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор ташаббусҳо ва лоиҳаҳо дар самти рақамикунонии соҳаи маориф роҳандозӣ гардиданд, ки аксари онҳо бо дастгирии молиявию техникӣ аз ҷониби ташкилотҳои байналмилалӣ амалӣ мешаванд. Аммо таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки амалишавии параллелии ин ташаббусҳо бе ҳамоҳангсозии мутамарказ, ба камсамарии истифодабарии захираҳо, номувофиқии муҳтаво ва инфрасохтор, инчунин ба вуҷуд омадани тафовут дар дастрасии рақамӣ байни муассисаҳои таълимӣ ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ оварда мерасонад.

Мушкили асосӣ дар набудани як воҳиди ягонаи ҳамоҳангсоз ва идоракунанда зоҳир мегардад, ки тамоми ҷонибҳои манфиатдорро - аз ниҳодҳои

давлатӣ то шарикони рушд, аз ҷомеаи шаҳрвандӣ то бахши хусусӣ - дар як раванд муттаҳид созад. Ҳамзамон, набудани шабакаи устувори мониторинг ва механизмҳои пайгирии нишондиҳандаҳои асосии иҷроиш (НКИ), камбуди меъёрҳои ягона барои арзёбӣ ва ҳуҷҷатгузории лоиҳаҳо ва набудани ҷараёни босифати мубодилаи иттилоотии байнисоҳавӣ, аз мушкилоти ҷиддии амалишавии лоиҳаҳои рақамикунонии соҳаи маориф ба шумор меравад.

Дар натиҷа, гарчанде ки иродаи сиёсӣ ва заминаи мусоиди меъёрӣ барои рақамикунонии таҳсилот вуҷуд дорад, маҳдудиятҳои сохторӣ ва ҳамоҳангсозии нокифоя самаранокии татбиқи лоиҳаҳои ТекЭд-ро коҳиш медиҳанд.

**1.3. Такя ба ҳуҷҷатҳои миллии стратегӣ ва сиёсатҳои давлатӣ**

ГТЛРСМ дар фаъолияти худ бар асоси санадҳои меъёрии зерин роҳнамоӣ мекунад, ки сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар самти рақамикунонии соҳаи маориф муайян менамоянд:

- **«Консепсияи иқтисоди рақамӣ»** - ҳамчун заминаи умумидавлатӣ барои рақамикунонии ҳамаи соҳаҳо, аз ҷумла маориф, ки рушди рақамиро ҳамчун омили калидии рақобатпазирии миллӣ муаррифӣ мекунад;
- **«Консепсияи гузариш ба таҳсилоти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** - санади стратегие, ки мақсад, вазифа ва марҳилаҳои гузариш ба модели рақамии таҳсилотро таъриф медиҳад;
- **«Харитаи роҳи миллии рақамикунонии соҳаи маориф»** - ҳуҷҷати амалӣ, ки чорабиниҳо, нишондиҳандаҳо ва субектҳои масъули раванди рақамикуниро мушаххас менамояд;
- **«Барномаи давлатии ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон»** - барномаи амалие, ки таъмини дастрасӣ, инфрасохтор ва омӯзиши кадрҳои соҳаи маорифро дар меҳвари сиёсати давлатӣ қарор медиҳад.

Ин санадҳо бо ташаббуси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илм дар ҳамкорӣ бо созмонҳои байналмилалӣ ва бахши хусусӣ таҳия ва мавриди амал қарор гирифта, ҳамчун заминаи ҳуқуқӣ ва сиёсии таъсиси ГТЛРСМ хизмат мекунанд.

## БОБИ II. ҲАДАФ ВА ВАЗИФАҲОИ АСОСӢ

**2.1. Ҳадафи таъсиси Гурӯҳи татбиқи лоиҳаҳои рақамикунонии соҳаи маориф (ГТЛРСМ)**

Ҳадафи асосии таъсиси ГТЛРСМ дар он ифода меёбад, ки тавассути ташкили як сохтори ҳамоҳангсоз, бисёрҷониба ва муштарак, самтҳои гуногуни ташаббусҳо ва лоиҳаҳои рақамикунонии соҳаи маориф таҳти назорат ва ҳамоҳангии муштарак қарор дода шаванд. ГТЛРСМ ба ҳайси платформаи миллӣ ва муназзами ҳамоҳангсозӣ ва мутобиқсозии ташаббусҳои рақамии соҳаи маориф амал намуда, вазифа дорад фаъолияти ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор - мақомоти давлатӣ, шарикони байналмилалии рушд, бахши хусусӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва муассисаҳои илмиро дар самти рушди таҳсилоти рақамӣ ба ҳам пайвандад ва аз имкониятҳои синергетикӣ истифода барад.

Ин гурӯҳ ҳадаф дорад бо ҳамоҳангсозии ниҳодҳои дахлдор ва мутамарказсозии қарорҳои стратегӣ, тамоми ташаббусҳои рақамикунонии таҳсилотро бо афзалиятҳои стратегии кишвар мутобиқ гардонад, то ин ташаббусҳо на танҳо такмилдиҳандаи якдигар, балки сарчашмаи таъсири устувор ба баландбардории сифати таҳсилот, баробарии дастрасӣ ва таъмини омодагии рақамии ҷомеа бошанд.

**2.2. Вазифаҳои асосӣ:**

- Таҳкими нақши роҳбарикунандаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамоҳангсозии лоиҳаҳо ва ташаббусҳои ТекЭд дар сатҳи миллӣ.
- Ташкили шароити рушди устувори экосистемаи рақамии соҳаи маориф бо такя ба далелҳо, маълумоти мониторингӣ ва арзёбӣ.
- Ба роҳ мондани механизмҳои муассири ҳамкории байниидоравӣ ва байнисоҳавӣ бо иштироки фаъоли тамоми ҷонибҳои манфиатдор.
- Таъмини мувофиқати амалии ҳамаи ташаббусҳои рақамӣ бо ҳадафҳои санадҳои стратегӣ ва меъёрии кишвар дар соҳаи маориф.
- Дастгирии ташаккули сиёсати миллӣ дар самти рақамикунонии таҳсилот, аз ҷумла дар таҳияи санадҳои сиёсати давлатӣ, стратегияҳо ва барномаҳои нав.
- Мусоидат ба ҳамгироии таҳсилоти рақамӣ дар низоми ягонаи идоракунии сифати таҳсилот дар ҷумҳурӣ.
- Гузаронидани мониторинги пайвастаи татбиқи лоиҳаҳои ТекЭд ва таҳлили мувофиқати онҳо бо талаботи замони рақамӣ ва ниёзҳои миллӣ.
- Пайгирии татбиқи марҳила ба марҳилаи “Харитаи роҳи рақамикунонии соҳаи маориф” ва баррасии мутобиқати амалҳои амалишаванда бо он.
- Иштирок дар таҳияи пешниҳодҳои методӣ, педагогӣ ва техникӣ оид ба таҳким ва такмили равандҳои рақамикунонӣ.
- Дастгирии омодасозии чорабиниҳои омӯзишӣ, такмили ихтисос, таҳқиқоти соҳаи ТекЭд ва ҳавасмандсозии иштирокчиёни асосӣ.

**2.3. Принсипҳои асосии фаъолияти гурӯҳ**

Фаъолияти ГТЛРСМ бар пояи як қатор принсипҳои усулӣ ва арзишҳои умумидигарбахш пеш бурда мешавад, ки самаранокӣ, шаффофият ва адолати рақамиро таъмин менамоянд:

**1. Фарогирӣ (инклюзивият).** Ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор, новобаста аз сатҳи дастрасии онҳо ба имкониятҳо, ба фаъолияти гурӯҳ ҷалб мегарданд. Таваҷҷуҳи махсус ба минтақаҳои дурдаст, гурӯҳҳои осебпазир ва муассисаҳои камтаҷҳизонида равона мегардад, то баробарии рақамӣ таъмин гардад.

**2. Устуворӣ (устувории рушди рақамӣ).** Ҳама иқдомҳо бояд дорои таъсири дарозмуддат бошанд, ки бо истифодаи босамар аз захираҳо, мутобиқат бо муҳити табиӣ ва зарфияти кадрии дохилӣ дастгирӣ меёбанд. Лоиҳаҳо бояд тавонанд дар оянда бидуни вобастагии доимӣ ба кумаки хориҷӣ идома ёбанд.

**3. Дастрасӣ (дастраси рақамӣ).** Ҳадафи ГТЛРСМ фароҳам овардани дастрасии баробар ба технологияҳои рақамӣ барои ҳамаи хонандагон, омӯзгорон ва муассисаҳои таълимӣ мебошад. Ҳеҷ як гурӯҳи иҷтимоӣ набояд аз ин раванд канор монад.

**4. Масъулиятшиносӣ (ҳисоботдиҳӣ ва ҷавобгарӣ).** Гурӯҳ ва ҳамаи аъзои он вазифадоранд, ки дар назди ҷамъият, роҳбарияти вазорат ва дигар ҷонибҳои манфиатдор ҳисоботдиҳанда бошанд. Механизмҳои гузоришдиҳӣ, мониторинг ва шаффофият мутамарказ карда шуда, таҳти назорат қарор мегиранд.

**5. Таҳлил ва тасмимгирӣ дар асоси далелҳо.** Ҳамаи пешниҳодҳо, тавсияҳо ва қарорҳо бояд бо такя ба натиҷаҳои таҳлил, мониторинг, таҳқиқоти илмӣ ва таҷрибаи байналмилалӣ қабул гарданд. Мақсади ниҳоӣ - таҳсилоти рақамии муассир ва мутобиқ ба воқеияти асри XI.

## БОБИ III. ДОИРАИ ФАЪОЛИЯТ

**3.1. Воҳиди марказии ҳамоҳангсоз ва идоракунандаи ташаббусҳои рақамикунонии соҳаи маориф**

Гурӯҳи татбиқи лоиҳаҳои рақамикунонии соҳаи маориф (ГТЛРСМ) ҳамчун ниҳоди машваратӣ ва ҳамоҳангсоз, дар низоми идоракунии сиёсати давлатии рақамикунонӣ, нақши марказиро дар таъмини пайдарпайӣ, мувофиқат ва самаранокии равандҳои рақамисозӣ мебозад. ГТЛРСМ масъули ҳамоҳангсозии сиёсӣ, методӣ, маъмурӣ ва фаннӣ-иқтисодии ҳамаи иқдомҳои марбут ба таҳсилоти рақамӣ мебошад ва кафолати мутобиқат ба ҳадафҳои миллӣ ва самаранокии татбиқи лоиҳаҳоро фароҳам меорад.

**3.2. Самтҳои асосии дахолат ва масъулияти ГТЛРСМ**

Бо назардошти мақому ҳадафи таъйиншуда, ГТЛРСМ дар амал самтҳои зеринро фаро мегирад:

**3.2.1. Бознигарӣ ва мувофиқсозии стратегӣ**

- таъмини арзёбии ҳамаҷонибаи лоиҳаҳо ва ташаббусҳои мавҷуда ва навташкилшудаи ТекЭд дар асоси ҳуҷҷатҳои стратегии давлатӣ ва самтҳои афзалиятноки соҳаи маориф;

- мутобиқсозии ҷадвали татбиқи чорабиниҳои рақамӣ ва бартарафсозии хавфи такроршавии фаъолиятҳо ё ихтилоф миёни ташаббусҳо;

- баррасии лоиҳаҳои пешниҳодӣ ва пешниҳоди тавсияҳои стратегӣ оид ба мантиқияти ҷойгиркунии онҳо дар низоми умумии рақамикунонии кишвар.

**3.2.2. Мониторинг ва арзёбии пайгирона**

- таъмини низоми мониторинги пайвастаи иҷрои чорабиниҳои лоиҳаҳои ТекЭд бо истифода аз нишондиҳандаҳои калидии иҷроиш (НКИ);

- пешниҳоди таҳлили муқоисавии натиҷаҳо бо ҳадафҳои пешбинишуда ва арзёбии таъсири воқеии лоиҳаҳо ба сифати таҳсилот, дастрасӣ ва устувории рақамӣ;

- мушаххас намудани монеаҳо ва пешниҳоди тавсияҳо барои беҳсозии раванди татбиқ ва устувории натиҷаҳо.

**3.2.3. Ҳамоҳангсозии амалии ҷонибҳои манфиатдор**

- барпо намудани платформаҳои доимии муошират ва машварат байни ҳамаи субъектҳои дахлдор, аз ҷумла ниҳодҳои давлатӣ, бахши хусусӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва шариконии рушд;

- ҷалби манфиатдорони нави соҳавӣ дар самти таҳсилоти рақамӣ ва тавсеаи шабакаи ҳамкорон;

- мусоидат ба ҳамгироии технологияҳои нав дар амалияи омӯзгорӣ бо ҷалби донишгоҳҳо, марказҳои такмили ихтисос ва муассисаҳои таҳқиқотӣ.

**3.2.4. Роҳнамоии стратегӣ ва сиёсати равандӣ**

- иштирок дар таҳияи стратегияҳо, барномаҳо, дастурамалҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрии марбут ба рақамикунонии таҳсилот;
- пешниҳоди таклифҳо оид ба рушди инфрасохтори рақамии муассисаҳои таҳсилотӣ, ҷорӣ намудани муҳтавои рақамӣ, рушди тахассусии омӯзгорон ва стандартизатсияи платформаҳои рақамӣ;
- дастгирии омодасозии муҳити мусоид барои воридсозии инноватсия ва технологияҳои нав ба равандҳои таълимӣ.

**3.2.5. Ташвиқи дастрасии фарогир ва баробар**

- роҳандозии тадбирҳои мақсаднок барои дастрас намудани воситаҳои рақамӣ ба гурӯҳҳои ҳассоси аҳолӣ: хонандагони аз оилаҳои камбизоат, мактабҳои дурдаст, кӯдакони дорои имконияти маҳдуд;
- пайгирии масъалаи тавозуни рақамӣ ва коҳиши шикастҳои рақамӣ (digital divide);
- пешниҳоди чорабиниҳои ҳавасмандсозӣ ва таълимӣ барои муҳайё кардани муҳити баробар дар истифодаи ТекЭд.

**3.2.6. Мусоидат ба мубодилаи дониш ва таҷриба**

- таъмини мубодилаи самараноки таҷриба, натиҷа, сабақҳои омӯхташуда ва таҳқиқоти илмӣ дар самти рақамикунонии таҳсилот;
- ҷалби муассисаҳои таҳқиқотӣ ва донишгоҳҳо ба раванди таҳлили далелноки таъсири рақамикунонӣ;
- созмондиҳии чорабиниҳои омӯзишӣ ва платформаҳои табодули иттилоот бо ҷалби васеи мутахассисон ва таҳсилотчиён.

**3.3. Вусъатдиҳии доираи фаъолияти гурӯҳ**

ГТЛРСМ вобаста ба рушди талаботи стратегӣ ва эҳтиёҷоти соҳа метавонад:

- ҳайати худро бо ҷалби намояндагони ниҳодҳои нав ва коршиносони соҳавӣ тавсеа диҳад;
- самтҳои нави дахолатро ба фаъолиятҳои худ ворид намояд (масалан, ЗС дар таҳсилот, омори рақамӣ, тарбияи рақамӣ ва ғайра);
- лоиҳаҳои маҳаллии навро дар мувофиқат бо сиёсати умумии миллӣ баррасӣ ва дастгирӣ намояд.

## БОБИ IV. СОХТОР ВА ТАРКИБИ ГУРӮҲ

**4.1. Принсипи ташкили сохтор**

Бо мақсади фарогирӣ, шаффофият ва самаранокии фаъолияти Гурӯҳи татбиқи лоиҳаҳои рақамикунонии соҳаи маориф (ГТЛРСМ), сохтори он бар асоси принсипи намояндагии байнисоҳавӣ ва ҳамкории бисёрҷониба ташкил карда мешавад. Таркиби гурӯҳ ба таври мақсаднок фарогири ҳамаи ҷонибҳои манфиатдори дахлдор - ниҳодҳои давлатӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ, бахши хусусӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва муассисаҳои илмӣ буда, ҷиҳати мусоидат ба

қабули қарорҳои оқилона ва татбиқи муассири сиёсати рақамикунонии соҳаи маориф равона мегардад.

**4.2. Таркиби асосии сохтори ГТЛРСМ**

Сохтори ташкилӣ ва вазифавии ГТЛРСМ иборат аст аз:

**1) Роҳбари гурӯҳ.** Роҳбари гурӯҳ шахси масъули роҳбарии умумии гурӯҳ буда, аз ҷониби вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин мегардад.

**Вазифаҳои асосии Роҳбари гурӯҳ:**

- иҷрои роҳбарии умумӣ ва стратегӣ ба фаъолияти гурӯҳ;
- роҳбари гуруҳии ҷаласаҳои гурӯҳ ва қабули қарорҳои созишкорона;
- муайянсозии рӯзнома ва авлавиятҳои муҳокимавӣ;
- намояндагии гурӯҳ дар сатҳи давлатӣ ва байнидавлатӣ;
- назорат аз болои иҷрои қарорҳо ва пайгирии натиҷаҳо.

**2) Аъзои гурӯҳ**

Аъзои ГТЛРСМ аз намояндагони ниҳодҳои зерин иборатанд:

**а) Мақомоти давлатӣ:**

- раёсатҳо ва шуъбаҳои дастгоҳи марказӣ ва муассисаҳои тобеи Вазорати маориф ва илм;
- намояндагони дигар вазорату идораҳои дахлдор (Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Вазорати молия, Агентии омор ва ғайра – дар ҳолати зарурат).

**б) Шарикони рушд** (дар мувофиқа):

- намояндагони созмонҳои СММ;
- намояндагони Бонки Ҷаҳонӣ, Бонки Рушди Осиё, JICA, KOICA, EU ва дигар шарикони рушд .

**в) Намояндагони бахши хусусӣ:**

- ширкатҳои ТИК ва телекоммуникатсионӣ (Tcell, Megafon, Babilon ва дигарон);
-провайдерҳои платформаҳои омӯзишии рақамӣ, истеҳсолкунандагони муҳтаво ва васоити техникӣ.

**г) Ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ташкилотҳои илмӣ:**

- пажӯҳишгоҳҳои соҳаи маориф, донишгоҳҳо, марказҳои бозомӯзӣ ва такмили ихтисос;
- ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва ассотсиатсияҳои омӯзгорон, ки дар рушди таҳсилоти рақамӣ фаъол ҳастанд.

**д) Муассисаҳои омӯзгориву таҳқиқотӣ:**

- муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ки дар омодасозии омӯзгорон ва таҳқиқоти ТекЭд фаъоланд;
- муассисаҳои таҳқиқотии миллии соҳаи маориф.

**е) Иттифоқи касаба ва намояндагони омӯзгорон:**

- Намояндагони иттиҳодияҳо ва ташкилотҳои ҳимоятгари ҳуқуқу манфиатҳои омӯзгорон.

**4.3. Тартиби интихоби аъзо**

Аъзои гурӯҳ бар асоси пешниҳоди расмӣ аз ҷониби ташкилоти дахлдор ва бо тасдиқи Вазорати маориф ва илм вориди ҳайат мегарданд. Ҷалби

намояндагони нав вобаста ба рушди талаботи сиёсӣ ва афзоиши доираи фаъолият роҳандозӣ мешавад.

**4.4. Гурӯҳҳои кории махсус ва муваққатӣ**

Бо мақсади баррасии мавзӯъҳои алоҳида ва ҳалли масъалаҳои мураккаби соҳавӣ, ГТЛРСМ ҳуқуқ дорад гурӯҳҳо ва зергурӯҳҳои кории муваққатӣ таъсис диҳад. Ин гурӯҳҳо метавонанд масъалаҳои зеринро дар бар гиранд:

- инфрасохтори рақамӣ;
- муҳтавои рақамии омӯзишӣ;
- салоҳиятҳои рақамии омӯзгорон;
- платформаҳои рақамии миллӣ;
- таҳлили маълумот ва арзёбӣ;
- баробарии рақамӣ ва дастрасӣ.

Ҳайати чунин гурӯҳҳо аз ҳисоби аъзои ГТЛРСМ ва дар ҳолатҳои зарурӣ бо ҷалби коршиносони беруна ташаккул дода мешавад.

**4.5. Муқаррароти фаъолияти аъзои гурӯҳ**

Аъзои ГТЛРСМ вазифадоранд:

- дар ҷаласаҳо фаъолона иштирок намуда, саҳми муассири коршиносонаро ироа намоянд;
- ҳар се моҳ гузориш оид ба пешбурди ташаббусҳои рақамии зери масъулияташон пешниҳод кунанд;
- мутобиқати фаъолиятҳои ташкилоти худро бо ҳадафҳои миллӣ ва тавсияҳои гурӯҳ таъмин намоянд;
- мусоидат ба қабули қарорҳои муштарак, асосёфта ва шаффоф;
- дар гурӯҳ ва зергурӯҳҳои корӣ фаъолона иштирок намоянд ва натиҷагирии мушаххас пешниҳод созанд.

## БОБИ V. НАҚШ ВА МАСЪУЛИЯТҲО

**5.1. Зарурати тақсимоти функсионалӣ**

Барои таъмини фаъолияти муассир, ҳадафманд ва ҳамоҳангшудаи Гурӯҳи татбиқи лоиҳаҳои рақамикунонии соҳаи маориф (ГТЛРСМ), зарур аст, ки нақшҳо ва масъулиятҳо миёни субъектҳои сохторӣ ба таври возеҳ ва расмӣ тақсим карда шаванд. Ҳар як аъзои Гурӯҳ, новобаста аз мақоми намояндагии худ, дар доираи нақши таъйиншудаи функционалӣ ӯҳдадор аст, ки ба пешбурди равандҳои рақамикунонии соҳаи маориф мусоидат намояд.

Тақсимоти вазифавӣ байни Роҳбари гурух, Муовини Роҳбари гурух, Аъзои гурӯҳ ва Котибот, заминаи идоракунии самаранок, назоратшаванда ва ҷавобгарро фароҳам меорад, ки мутобиқи принсипҳои ҳукуматдории хуб ва ҳисоби натиҷаҳо ба роҳ монда мешавад.

**5.2. Нақши Роҳбари гурӯҳ**

Роҳбари гурух масъули роҳбарии стратегӣ, ташкилӣ ва сиёсати умумии ГТЛРСМ мебошад. Роҳбари гурух аз ҳисоби намояндагони Вазорати маориф ва илм таъйин гардида, аз ҷониби роҳбарияти он тасдиқ мешавад.

**Вазифаҳои асосии Роҳбари гурӯҳ:**

- **Ташкили роҳбарии умумии стратегӣ:** роҳнамоии самтҳои афзалиятноки фаъолияти гурӯҳ, бо такя ба ҳадафҳои миллӣ ва сиёсати давлатии рақамикунонӣ;
- **Роҳбарии ҷаласаҳо:** даъват ва баргузор намудани ҷаласаҳои мунтазами гурӯҳ, таъмини риояи рӯзнома, муҳокимаву қабули қарорҳо;
- **Муаррифии ГТЛРСМ:** намояндагии гурӯҳ дар сатҳи баландтарини машваратӣ, ҳамоишҳои миллӣ ва байналмилалӣ, ҷаласаҳои ҳукуматӣ ва форумҳои байнишарикӣ;
- **Назорати иҷрои қарорҳо:** пайгирии татбиқи қарорҳои қабулшуда, вокуниш ба ҳисоботҳои котибот ва пешниҳодҳои зергурӯҳҳои корӣ;
- **Тасдиқи ҳуҷҷатҳои асосӣ:** барномаҳои корӣ, протоколҳо, суратҷаласаҳо, тавсияҳо ва дигар маводи гурӯҳ.

**5.3. Масъулиятҳои аъзои гурӯҳ**

Ҳар як аъзои ГТЛРСМ ӯҳдадор аст, ки фаъолияти ташкилоти намояндагии худро ба ҳадафу вазифаҳои гурӯҳ мутобиқ намуда, дар иҷрои масъулиятҳои зерин саҳми мустақим ва фаъолона гузорад:

**1. Иштироки фаъол:**

- Иштирок дар ҳамаи ҷаласаҳои расмии ГТЛРСМ (на камтар аз 50%);
- Ироаи нуқтаи назари коршиносона ва маълумоти навсозишуда дар мавзӯъҳои муҳокимавӣ;

**2. Мубодилаи иттилоот ва ҳисоботдиҳӣ:**

- Таҳияи гузоришҳои даврӣ дар бораи фаъолияти рақамии муассиса ё ташкилоти худ;
- Пайгирии иҷрои қарорҳои қабулшуда ва пешниҳоди натиҷаҳо ба котибот;

**3. Ҳамоҳангсозии дохилӣ:**

- Таъмини мутобиқати фаъолияти дохилии ниҳоди худ бо ҳадафҳои стратегӣ ва тавсияҳои ГТЛРСМ;
- Интегратсия ва истифодаи натиҷаҳои муҳокимавӣ дар сатҳи маҳаллӣ ва институтсионалӣ;

**4. Иштирок дар гурӯҳҳои корӣ:**

- Шомил шудан ба зергурӯҳҳои мавзӯии корӣ ва иштирок дар таҳияи ҳуҷҷатҳои стратегӣ, тадқиқотӣ ва методӣ;
- Пешниҳоди тадбирҳои амалишаванда ва хулосаҳои сиёсӣ оид ба мавзӯъҳои махсус.

**5.4. Нақши Котибот**

Котиботи ГТЛРСМ, ки вазифаи маъмурӣ, иттилоотӣ ва техникиро иҷро мекунад, дар айни замон бо дастгирии ЮНИСЕФ фаъолият менамояд. Котибот барои рафъи монеаҳои амалӣ, ташкили чараёнҳои иттилоотӣ ва пайгирии қарорҳо масъул мебошад.

**Масъулиятҳои асосии Котибот:**

- **Ташкили ҷаласаҳо:** омодасозии рӯзнома, маводи иттилоотӣ ва даъвати аъзо;

- **Санадбандӣ:** таҳия ва нашри суратҷаласаҳо, тавсияҳо ва ҷадвали пайгирии иҷрои қарорҳо;
- **Муоширát:** ташкили шабакаи самараноки мубодилаи иттилоот миёни аъзо ва ҷонибҳои беруна;
- **Пайгирӣ:** мониторинг ва назорати иҷрои қарорҳои ГТЛРСМ аз ҷониби аъзо ва гурӯҳҳои корӣ;
- **Дастгирии техникӣ:** пешниҳоди хидматҳои тарҷумонӣ, инфрасохтори конфронсӣ, захираҳои рақамии муштарак;
- **Муҳофиза ва бойгонӣ:** ҳифзи ҳамаи ҳуҷҷатҳои расмӣ ва таъмини дастрасии онҳо барои аъзо ва ниҳодҳои масъул.

**5.5. Уҳдадориҳои умумӣ**

Ҳамаи аъзои ГТЛРСМ, новобаста аз мақом, вазифадоранд:

- Арзишҳои ҳамкорӣ, эҳтиром, ҷавобгарӣ ва шаффофиятро риоя кунанд;
- Таъмини табодули иттилоот, мубодилаи таҷриба ва омӯзиши муштаракро вазифаи доимии худ донанд;
- Ба мутобиқат ва иҷрои ҳадафҳои миллӣ, тавсияҳои стратегӣ ва консепсияи умумии рақамикунонии соҳаи маориф содиқ бошанд;
- Ба принсипҳои муассирияти низомҳои муосири идоракунии соҳаи таҳсилот ва ҳукуматдории рақамӣ арҷ гузоранд.

## БОБИ VI. МЕХАНИЗМИ ИДОРАКУНӢ ВА ҚАБУЛИ ҚАРОРҲО

**6.1. Асосҳои идоракунии гурӯҳ.** Идоракунии самараноки Гурӯҳи татбиқи лоиҳаҳои рақамикунонии соҳаи маориф (ГТЛРСМ) ба таври низомманд, бо риояи принсипҳои ҳукуматдории хуб, иштироки васеи ҷонибҳои манфиатдор, созишкорӣ, мутобиқат бо санадҳои меъёрии миллӣ ва ҷавобгӯ ба ниёзҳои воқеии рақамикунонии таҳсилот ба роҳ монда мешавад.

Механизми идоракунӣ ва қабули қарорҳо, заминаи асосии пешбурди фаъолияти стратегӣ ва таъмини иҷрои мақсадҳои гурӯҳро фароҳам оварда, муносибати байни аъзои Гурӯҳ, вазифадорӣ, масъулиятшиносӣ ва шаффофиятро таъмин менамояд.

**6.2. Принсипи қабули қарорҳо - Созишкорӣ (Консенсус)**

Ҳамаи қарорҳои ГТЛРСМ бар асоси созишкорӣ (консенсус) қабул мегарданд, ки инъикоскунандаи манфиатҳои умумӣ ва мавқеи мувофиқашудаи аъзои гурӯҳ мебошад. Қарорҳои гурӯҳ набояд якҷониба ва ё таҳмилшуда бошанд, балки бояд натиҷаи муҳокимаи амиқ ва маслиҳати тарафайн бошанд.

**Муқаррароти асосии қабули қарорҳо:**

- Қарорҳо дар ҷаласаҳои мунтазам ё фаврӣ бо иштироки на камтар аз 2/3 ҳиссаи аъзои гурӯҳ қабул мегарданд;
- Пешниҳодҳо дар шакли хаттӣ (ё электронӣ) аз ҷониби котибот ба ҳамаи аъзо паҳн карда мешаванд ва муҳлати муҳокима муайян мегардад;
- Агар дар ҷараёни муҳокима созиш ба даст наояд, Роҳбари гурӯҳ ҳақ дорад барои баргузории машварати иловагӣ иқдом намояд;

- Қарорҳои консенсусӣ дар суратҷаласаи расмӣ сабт шуда, аз ҷониби Роҳбари гуруҳ ва Котибот тасдиқ ва паҳн карда мешаванд.

**6.3. Ҷаласаҳои гурӯҳ ва шакли қабули қарорҳо**

**а) Ҷаласаҳои мунтазам:**

- Ҳар се моҳ як маротиба (чоряк) ҷаласаи умумии ГТЛРСМ баргузор мегардад;
- Барномаи ҷаласа аз ҷониби Котибот бо машварати Роҳбари гуруҳ омода шуда, пешакӣ ба аъзо ирсол мешавад;
- Ҳадди ақали иштироки аъзо - 50% бештар (ҳозирӣ ҳузурӣ ё онлайн).

**б) Ҷаласаҳои махсус ва фаврӣ:**

- Роҳбари гуруҳ ё бо ташаббуси на камтар аз 1/3 аъзои гурӯҳ метавонад ҷаласаи изтирорӣ даъват намояд;
- Чунин ҷаласаҳо барои муҳокимаву қабули қарорҳои фаврӣ, посух ба хатарҳо, имкониятҳо ва дархостҳои шарикон равона карда мешаванд.

**в) Формати баргузорӣ:**

- Ҷаласаҳо дар шакли ҳузурӣ, онлайн ё омехта (гибридӣ) баргузор мешаванд;
- Ҷойи баргузории ҷаласаҳо метавонад идораи ЮНИСЕФ, Вазорати маориф ва илм ё дигар маконҳои мувофиқ бошад;
- Забони расмии муҳокима - тоҷикӣ (бо таъмини тарҷума ба русӣ ва англисӣ дар ҳолати зарурат).

**6.4. Ҳуҷҷатгузорӣ ва расмият**

**Ҳуҷҷатҳои расмии фаъолияти ГТЛРСМ иборатанд аз:**

- Суратҷаласаҳои ҷаласаҳо, ки дар онҳо мавзуъҳо, иштирокчиён, қарорҳо ва мухлатҳои татбиқ сабт мегарданд;
- Нақшаи иҷрои амалҳо, ки дар он масъулон, муддат ва нишондиҳандаҳои иҷроиш қайд карда мешаванд;
- Ҷадвали пайгирӣ барои назорати иҷрои вазифаҳо;
- Ҳисоботи муваққатӣ ва ҷамъбастӣ, ки аз тарафи Котибот таҳия ва ба роҳбарияти ВМИ ва Шӯрои ТИК ироа мегарданд.

**Ҳамаи ҳуҷҷатҳо:**

- Ба таври электронӣ ва чопӣ ҳифз ва бойгонӣ мешаванд;
- Дар дастрасии ҳамаи аъзои ГТЛРСМ ва шарикони калидӣ қарор мегиранд;
- Барои таъмини шаффофият, ба воситаи шабакаҳои дохилии мубодилаи маълумот, аз ҷумла платформаи EMIS ё порталҳои махсус, паҳн карда мешаванд.

**6.5. Механизми вокуниш ба ихтилофот**

Дар ҳолатҳои ба миён омадани ихтилофи манфиатҳо ё ихтилоф дар мавқеи намояндагони ГТЛРСМ:

- Котибот ё Роҳбари гуруҳ иҷозати ташкил ва роҳандозии муҳокимаи миёнаравӣ (медиатсионӣ)- ро дорад;

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

• Агар масъала ҳал нашуд, он ба муҳокимаи Шӯрои ТИК ва ё роҳбарияти ВМИ пешниҳод карда мешавад;

• Ҷиҳати таъмини беғаразӣ ва адолат, мақомоти мустақили дахлдор метавонанд ба раванд ҷалб карда шаванд (масалан, коршиносони бетараф).

**7. Муқаррароти хотимавӣ**

**7.1. Муҳлати амал ва бознигарии супоришномаи техникӣ**

Вазифанома барои фаъолияти Гурӯҳи татбиқи лоиҳаҳои рақамикунонии соҳаи маориф (ГТЛРСМ) барои муҳлати ибтидоии ду сол таҳия ва қабул мегардад. Пас аз анҷоми давраи мазкур, бо дарназардошти натиҷаҳои фаъолият, самаранокии амалишавии вазифаҳо ва эҳтиёҷоти стратегӣ, шакл ва муҳтавои ин ҳуҷҷат мавриди бознигарии расмӣ қарор дода мешавад.

Бознигарии Вазифанома инчунин метавонад барои мутобиқгардонӣ бо тағйироти муҳими сиёсӣ, меъёрӣ, сохторӣ ва ё молиявӣ то анҷоми муҳлат бо пешниҳоди аъзои ГТЛРСМ ва бо тасдиқи роҳбарияти Вазорати маориф ва илм анҷом дода шавад.

**7.2. Мақоми ҳуқуқӣ ва ҳуҷҷатҳои иловагӣ**

Вазифанома ҳамчун санади расмии ташкилӣ ва танзимкунандаи фаъолияти ГТЛРСМ, барои ҳамаи аъзо, котибот ва гурӯҳҳои кории вобаста ҳатмӣ буда, риояи муқаррарот ва иҷрои саривақтии қарорҳои дар доираи он қабулшуда, яке аз шартҳои муҳими иштироки фаъолона ва масъулиятшиносонаи аъзои гурӯҳ мебошад.

Ҳамзамон, дар раванди татбиқи супоришномаи техникӣ, метавонанд санадҳои иловагӣ ба мисли:

- нақшаи амалиёти солона;
- санадҳои ташкилӣ ва методӣ;
- протоколҳои ҷаласа;
- тавсияҳо ва дастурамалҳои техникӣ

таҳия ва ба он замима карда шаванд, ки онҳо қисми ҷудонопазири низоми фаъолият ва ҳисоботдиҳии гурӯҳ маҳсуб меёбанд.

**7.3. Шакли тасдиқ ва воридкунии тағйирот**

Вазифанома ва тағйиру иловаҳои минбаъдаи он бо пешниҳоди Котибот ва ё Роҳбари гурӯҳ, пас аз мувофиқа бо аъзои ГТЛРСМ, ба шакли хаттӣ аз ҷониби Вазорати **маориф ва илм тасдиқ** карда мешаванд. Бе чунин тасдиқ, ҳеҷ як тағйирот ба мазмуни ин ҳуҷҷат эътибори расмӣ намегирад.

**7.4. Ҳолатҳои барҳамдиҳӣ ва интиқоли салоҳият**

Дар сурати анҷоми муҳлати татбиқи лоиҳаи асосӣ (ТекЭд) ё барҳам додани ГТЛРСМ бо қарори Вазорат, салоҳият ва вазифаҳои асосии гурӯҳ метавонанд ба дигар сохторҳои дахлдор, аз ҷумла Шӯрои ТИК, Маркази ҷумҳуриявии таълимию методӣ ё воҳидҳои махсусгардонидашудаи ВМИ интиқол дода шаванд, бо мақсади ҳифзи пайдарпайӣ ва устувории сиёсатгузории рақамӣ дар соҳаи маориф.

Замимаи 2
ба фармоиши вазири маориф
ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «08» 08 соли 2025, № 995

## Ҳайати
## Гурӯҳи татбиқи лоиҳаҳои рақамикунонии соҳаи маориф «Технологияҳои рақамӣ барои рушди таҳсилот (ТекЭд) дар Тоҷикистон»

1. Директори Маркази ҷумҳуриявии технологияҳои информатсионӣ ва коммуникатсияи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон - Роҳбари гуруҳ.

Аъзои Гурӯҳ:

2. Сардори раёсати илм ва инноватсия.
3. Сардори раёсати таҳсилоти миёнаи умумӣ.
4. Сардори шуъбаи низоми ахборотии маориф ва илм.
5. Президенти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон.
6. Директори Пажуҳишгоҳи рушди маориф.
7. Ректори Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф.
8. Директори Маркази ҷумҳуриявии таълимӣ ва методӣ.
9. Директори Маркази ҷумҳуриявии дарёфт ва рушди истеъдодҳо.
10. Сардори раёсати маорифи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон.
11. Сардори раёсати маорифи вилояти Суғд.
12. Сардори раёсати маорифи вилояти Хатлон.
13. Сардори Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе.
14. Директорони марказҳои ТИК-и Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон ва шаҳри Душанбе.
15. Намоянда аз ширкати саҳомии “Индиго Тоҷикистон” (дар мувофиқа).
16. Намоянда аз ширкати “ВАВИЛОН-М” (дар мувофиқа).
17. Намоянда аз ширкати “Мегафон Тоҷикистон” (дар мувофиқа).
18. Намоянда аз ширкати “Академияи Алиф”.
19. Намоянда аз zypl.ai ва TajRupt.
20. Намояндагони сохторҳои ҷамъияти шаҳрвандӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятии Тоҷикистон, ки дар соҳаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ фаъолият мекунанд (панҷ нафар бо мувофиқа).
21. Намояндагони созмону ташкилотҳои шарикони рушд.

Замимаи 3
ба фармоиши вазири маориф
ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «08» 08 соли 2025, №995

Нақшаи корӣ
Гуруҳи татбиқи лоиҳаҳои рақамикунонии соҳаи маориф
«Технологияҳои рақамӣ барои рушди таҳсилот (ТекЭд) дар Тоҷикистон»
барои соли 2025

| № | Фаъолият | Муҳлат | Масъул | Саҳмгузор/ кӯмаки техникӣ |
|---|---|---|---|---|
| **САМТИ 1. ТАЪСИСИ ҲАМОҲАНГСОЗЕ БАРОИ РОҲАНДОЗИИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ РАҚАМӢ ДАР РУШДИ ТАҲСИЛОТ** | | | | |
| 1. | Таҳияи фармоиши вазири маорифи ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи татбиқи лоиҳаи Гурӯҳи татбиқи лоиҳаҳои рақамикунонии соҳаи маориф «Технологияҳои рақамӣ барои рушди таҳсилот (ТекЭд) дар Тоҷикистон» | Июли соли 2025 | Маркази ҷумҳуриявии технологияи информатсионӣ ва коммуникатсия | ЮНИСЕФ, EdTech Hub |
| 2. | Таҳияи супоришномаи техникӣ Гурӯҳи татбиқи лоиҳаҳои рақамикунонии соҳаи маориф «Технологияҳои рақамӣ барои рушди таҳсилот (ТекЭд) дар Тоҷикистон» | Июли соли 2025 | Маркази ҷумҳуриявии технологияи информатсионӣ ва коммуникатсия ва гурӯҳи корӣ | ЮНИСЕФ, EdTech Hub |
| 3. | Тибқи фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян ва тасдиқ намудани ҳайати Гурӯҳи татбиқи лоиҳаҳои рақамикунонии соҳаи маориф «Технологияҳои рақамӣ барои рушди таҳсилот (ТекЭд) дар Тоҷикистон» | Июли соли 2025 | Маркази ҷумҳуриявии технологияи информатсионӣ ва коммуникатсия ва гурӯҳи корӣ | ЮНИСЕФ, EdTech Hub |
| 4. | Тибқи фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тасвиб расонидани нақшаи фаъолияти Гурӯҳи татбиқи лоиҳаҳои рақамикунонии соҳаи маориф «Технологияҳои рақамӣ барои рушди таҳсилот (ТекЭд) дар Тоҷикистон»барои солҳои 2025-2026 | Июли соли 2025 | Маркази ҷумҳуриявии технологияи информатсионӣ ва коммуникатсия ва гурӯҳи корӣ | ЮНИСЕФ, EdTech Hub |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 5. | Баргузории ҷаласаҳои Гурӯҳи татбиқи лоиҳаҳои рақамикунонии соҳаи маориф «Технологияҳои рақамӣ барои рушди таҳсилот (ТекЭд) дар Тоҷикистон» барои солҳои 2025-2026 | Ҳар семоҳа | Маркази ҷумҳуриявии технологияи информатсионӣ ва коммуникатсия | ЮНИСЕФ, EdTech Hub |
| 6. | Ифтитоҳи расмии фаъолиятҳои Гурӯҳи татбиқи лоиҳаҳои рақамикунонии соҳаи маориф «Технологияҳои рақамӣ барои рушди таҳсилот (ТекЭд) дар Тоҷикистон» | Августи соли 2025 | Маркази ҷумҳуриявии технологияи информатсионӣ ва коммуникатсия | ЮНИСЕФ, EdTech Hub |
| **САМТИ 2. ТАҲИЯИ НАҚШАИ КОРӢ БАРОИ ТАШАББУСИ ОЗМОИШИИ РӮЙКАРДИ МАКТАБИ НАМУНАВӢ (РМН)** | | | | |
| 7. | Таҳияи методология ва воситаҳо барои таҳлил ва тарҳрезии модели мактаби намунавӣ | Июл – августи соли 2025 | Маркази ҷумҳуриявии технологияи информатсионӣ ва коммуникатсия ва гурӯҳи корӣ | ЮНИСЕФ, EdTech Hub |
| 8. | Таҳия ва коркарди лоиҳаи нақшаи корӣ ҷиҳати озмоиши ташаббуси рӯйкарди мактаби намунавӣ | Сентябри соли 2025 | Маркази ҷумҳуриявии технологияи информатсионӣ ва коммуникатсия ва гурӯҳи корӣ | ЮНИСЕФ, EdTech Hub |
| 9. | Пешниҳод намудани нақшаи корӣ ҷиҳати озмоиши ташаббуси рӯйкарди мактаби намунавӣ барои тасдиқи расмӣ | Октябри соли 2025 | Маркази ҷумҳуриявии технологияи информатсионӣ ва коммуникатсия ва гурӯҳи корӣ | ЮНИСЕФ, EdTech Hub |
| **САМТИ 3. ГУЗАРОНИДАНИ ТАҲЛИЛИ ТАТБИҚПАЗИРИИ РОҲҲАЛҲОИ ИННОВАТСИОНӢ, АЗ ҚАБИЛИ АЛОҚАИ МАҲВОРАӢ ВА МОБИЛӢ БАРОИ ПАЙВАСТ КАРДАНИ МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМӢ БА ИНТЕРНЕТ** | | | | |
| 10. | Таҳияи методология ва воситаҳо барои таҳлили таҷрибаи кишварҳое (ҳадди ақал ду), ки шароити иқтисодӣ ва ҷуғрофии монанд ба Ҷумҳурии Тоҷикистон доранд | Сентябри соли 2025 | Маркази ҷумҳуриявии технологияи информатсионӣ ва коммуникатсия ва гурӯҳи корӣ | ЮНИСЕФ, EdTech Hub |
| 11. | Баргузор намудани таҳлили функсионалӣ ва таҳқиқоти заминавӣ барои муайян иамудани кишварҳои дорои таҷрибаи беҳтарин дар ин самт | Октябр-ноябри соли 2025 | Маркази ҷумҳуриявии технологияи информатсионӣ ва коммуникатсия ва гурӯҳи корӣ | ЮНИСЕФ, EdTech Hub |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 12. | Омода ва пешниҳод иамудани гузориши таҳлилӣ ва асоснок ҷиҳати таҳлили вазъи пайвастшавии муассисаҳои таълимӣ ба шабакаи Интернет | Декабри соли 2025 | Маркази ҷумҳуриявии технологияи информатсионӣ ва коммуиикатсия ва гурӯҳи корӣ | ЮНИСЕФ, EdTech Hub |
| **САМТИ 4. ГУЗАРОНИДАНИ ТАҲЛИЛИ ЗАМИНАҲОИ МЕЪЁРӢ ҶИҲАТИ ТАҲИЯИ БАРНОМАИ ТАЪЛИМИИ «АСОСҲОИ ЗЕҲНИ СУНЪӢ» ДАР ЗИНАИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ** | | | | |
| 13. | Таҳияи методология ва воситаҳо барои таҳлили Стандарти давлатии таҳсилот, нақшаи таълимӣ ва барномаҳои фаннӣ ҷиҳати муайян намудани имкониятҳои ворид намудани фанни зеҳни сунъӣ | Августи соли 2025 | Маркази ҷумҳуриявии технологияи информатсионӣ ва коммуникатсия ва гурӯҳи корӣ | ЮНИСЕФ, EdTech Hub |
| 14. | Омӯзиш ва таҳлили таҷрибаи ҷаҳоиӣ ва кишварҳои мухталиф аз ҷумла давлатҳои ҳамсоя дар самти ворид намудани фанни зеҳни сунъӣ ба барномаҳои таълимии зинаи таҳсилоти умумӣ | Август-сентябри соли 2025 | Маркази ҷумҳуриявии технологияи информатсионӣ ва коммуникатсия ва гурӯҳи корӣ | ЮНИСЕФ, EdTech Hub |
| 15. | Омода намудани ҳисоботи муфассал ва таҳлили аз раванди ҷорӣ намудани омӯзиши асосҳои зеҳни сунъӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва иловагии ҷумҳурӣ, ки ба таври озмоишӣ ба роҳ монда шудааст | Октябри соли 2025 | Маркази ҷумҳуриявии технологияи информатсионӣ ва коммуиикатсия ва гурӯҳи корӣ | ЮНИСЕФ, EdTech Hub |
| 16. | Таҳия ва коркард намудани тавсияҳои илман асоснок ва таълимиву методӣ дар самти таҳия намудани барномаи таълимии фании зеҳни сунъӣ барои хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёниа умумии ҷумҳурӣ | Октябр-декабри соли 2025 | Маркази ҷумҳуриявии технологияи информатсионӣ ва коммуникатсия ва гурӯҳи корӣ | ЮНИСЕФ, EdTech Hub |